# ТАҚРИЗИ РОҲБАРОНИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Рустамҷони Сайдуллои Қузратзода дар мавзӯи: «Равандҳои иқтисодии истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд ва саноатикунонии он ( дар мисоли вилояти Хатлони)» ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.00 - Иқтисодиёт (08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ) пешниҳод шудааст.**

Рустамҷони Сайдуллои Қузратзода соли 2014 Донишгоҳи давлатии Данғараро бо ихтисоси иқтисодчи дар КАС, соли 2014 хатм намудааст. Соли 2017 бошад шуъбаи магистратураи ДАТ ба номи Ширииншоҳ Шоҳтемурро бо ихтисоси иқтисодчи дар КАС хатм намудааст. Аз соли 2017 то инҷониб дар Донишгоҳи давлатии Данғара фаъолият дорад.

Соли 2018 ба кафедраи назарияи иқтисодӣ ба ҳайси унвонҷӯ дохил шудааст ва дар мавзӯи «Равандҳои иқтисодии истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд ва саноатикунонии он ( дар мисоли вилояти Хатлони)» тадқиқотҳои илмӣ бурда, диссертатсияи илмии худро барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.00 - Иқтисодиёт (08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ) омода намуд.

Мубрамии мавзӯи диссертатсионии Рустамҷони С.К. аз он шаҳодат медиҳад, ки шакар маҳсулоти нодирест, ки барои ҳаёти инсон зарур аст ва дар айни замон ашёи хоми муҳими стратегӣ мебошад. Он дар саноати қаннодӣ, шир, консерви меваю сабзавот, нонпазӣ, винопазӣ, дар истеҳсоли нӯшокиҳои спиртӣ истифода мешавад. Махсулоти иловагии истехсоли лаблабуи канд низ доираи васеъ дорад. Шакар яке аз сермасрифтарин маҳсулоти ғизоӣ дар бозори ҷаҳонӣ буда, кариб дар тамоми кишварҳои ҷаҳон истеҳсол ва истеъмол мешавад. Шакар хамчун ашьёи хоми коркарди саноатӣ ба тараккиёти сохахои бо хам алокаманд, инчунин ба савдои озукаворӣ ва умуман хочагии кишлок таъсири калон мерасонад. Лаблабу бошад яке аз зироатхои сабзавот, хуроки чорво ва техникӣ мебошад. Решаҳои лаблабу манбаи пурарзиши қанди лаблабу (сахароза) мебошанд. Дар Ҷумҳурии Беларус як қатор навъҳое, ки миқдори зиёди сахароза доранд, бо усули парвариши мустақим парвариш карда шуданд. Ҳоло Ҷумҳурии Белоруссия аз ҷиҳати истеҳсоли қанд аз лаблабу дар

ҷаҳон чои якумро ишғол мекунад. Селексионерони белорус бисёр навъҳои пуркимати сер-шакар парвариш карда расонданд, ки онҳо дар тамоми ҷаҳон эътироф карда шудаанд. Дар ғизой накши асосиро навъҳои лаблабуи мизӣ тааллук дорад.

Дар ин асос, дар айни замон, вобаста ба вазъи кунунии ҷаҳон, зарурати таъмини амнияти озуқавории Тоҷикистон дар қатори афзалиятҳо ба миён гузошта мешавад, бинобар ин, масъалаи рушд ва ташаккули истеҳсоли лаблабуи қанд ба миён меояд. Ба ин муносибат дар ояндаи наздик технологияи нави манбаъи сарфакунандаи истеҳсоли лаблабуи канд, ки элементҳои зеринро дарбар мегирад, азхуд кардан зарур аст: истифода бурдани навъҳо ва дурагаҳои лаблабуи канд, ки мухлатҳои ба пухта расидани техникиашон гуногун; мувакkатан дар саҳро нигоҳ доштани зироатҳои решагӣ; бевосита барои коркард фиристодани онҳо ба ғайр аз нигоҳ доштани фосилавии онхо дар анборҳои лаблабуи қанд ва ғайра.

Бинобар ин, таҳқиқоти гузаронидашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки равандҳои иқтисодии истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд ва саноатикунонии он дорои фоидаи зиёд мебошад ва барои сармоягузорӣ ва соҳибкорон дар бозор ҷолиб ба шумор меравад.

Вобаста ба мавзӯи номбурда Рустамҷони С.Қ ва натиҷаҳои ба дастовардаи корҳои тадкиқотӣ дар конференсияҳои илмӣ ва амалии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ муаррифӣ гардидаанд. Усулҳои таҳлил ва таҳияи равандҳои иқтисодии истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд ва саноатикунонии он озмоишро гузаронидааст. Натиҷаҳои тадқиқот дар нашрияҳои гуногун ба нашр расидаанд.

Рустамҷони Сайдуллои Қузратзода марди хоксор, дорои ахлоқи ҳамида буда, сиёсати имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дуруст дарк намуда, барои амалӣ намудани он саъю кӯшиш ба харҷ медиҳад. Дар масаълаҳои тадкиқотӣ масъулиятшинос буда, итилооти зарурирo мустақилона ҷам ва коркард намудааст ва мутобиқи ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда натиҷаҳои хуби илмӣ ба даст овардааст.

Диссертатсияи илмии Рустамҷони Сайдуллои Қузратзода «Равандҳои иқтисодии истеҳсоли шакар аз лаблабуи қанд ва саноатикунонии он ( дар мисоли вилояти Хатлони)», ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.00 - Иқтисодиёт (08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ) пешниҳод шудааст, ба итмом расидааст ва метавон

барои қабул ва муҳокима ба Шӯрои диссертатсионии Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон 6D КОА-004, пешниҳод намуд.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Самандаров И.Ҳ.

Тасдиқ мекунам Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон